**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз «25» 10 соли 2024** **№ 397/м** **ш. Душанбе**

*Дар бораи бақайдгирии маҷаллаи илмӣ*
*дар Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои)*
*илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Мутобиқи сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Маҷаллаи илмии «Паёми Китобхонаи миллӣ»-и Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ISSN: 2959-7803) ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шавад.
2. Дар маҷаллаи мазкур нашри маводи илмӣ аз рӯйи самти илмҳои 05.25.00 – Иттилооти ҳуҷҷатӣ (05.25.03-Китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ, китобшиносӣ); 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ методҳои таҳқиқоти таърихӣ); 10.00.00-Илмҳои филологӣ (10.01.10- Рӯзноманигорӣ) ва 13.00.00-Илмҳои педагогӣ (13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) иҷозат дода шавад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Ваҳизода Ҳ.С.) вазифадор карда шавад, ки дар мӯҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия тадбирҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 октябри соли 2024, №11

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ
АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ
ПРЕЗИДЕНТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ
БАРОБАР АСТ